«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
____________ Ибодуллозода А.И.
«30» 06 соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи «Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи «Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо)» ба таҳлили маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ дар доираи як асари мушаххас таҳқиқ шуда, ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.2. Назарияи забон мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Забоншиносии тоҷик дар баробари риштаҳои дигари илмӣ дар самтҳои мубрами таҳқиқу пажуҳиш, аз ҷумла, дар самти маъношиносӣ рушд карда истодааст. Ба ин васила, вижагиҳои гуногуни лексикаи забони тоҷикӣ аз тарафи муҳаққиқони забоншинос мавриди таҳқиқу омӯзиши амиқ қарор мегирад. Замони Истиқлоли давлатӣ барои таҷдиди арзишҳои миллӣ ва махсусан, посдории асолати забони миллӣ имкониятҳои бесобиқаеро фароҳам меоварад, ки дар заминаи он илми забоншиносии тоҷик ба дастовардҳои бемисли илмӣ ноил гардид. Дар ин замина, баррасии маъношиносӣ, махсусан, маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои романи «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо яке аз самтҳои назаррас ва қобили қабул муаррифӣ мешавад. Таҳлилу баррасии масъалаҳои муҳимму афзалиятноки маъношиносӣ яке аз ҷанбаҳои арзишманд маҳсуб ёфта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои муҳим ба пажуҳиши маъношиносӣ пайваста сайъу кӯшиш намоянд. Дар ин раванд, дар илми забоншиносии муосири тоҷик низ таҳлилу баррасӣ намудани мавзуъҳои мубрами камомӯхташударо яке аз вазифаҳои асосии олимону муҳаққиқон медонанд.

Таҳқиқи диссертатсионии Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи «Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо)» маҳз ба масъалаи муҳим, камомӯхташуда ва нисбатан мураккаби забоншиносии ҳозира бахшида шуда, муҳаққиқ кӯшиш

намудааст, ки бо истифода аз сарчашмаву маводди фаровони таҳқиқ ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ хусусиятҳои онро мавриди таҳқиқи хосса қарор диҳад.

Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки то ба имрӯз роҷеъ ба маънои коннотативии романи «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо таҳқиқоти ҷудогона анҷом дода нашудааст ва диссартант кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои фардии маънои коннотативиро баррасӣ намуда, баромади таърихӣ ва ё этимологии онҳоро аз сарчашмаҳо аниқ намояд ва дар омӯзишу таҳқиқи маъношиносӣ то дараҷае саҳмгузор бошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертант аз таҳқиқи масъалаҳои кори диссертатсионии худ ба таври вижа ва зарурӣ натиҷагирӣ намуда, онҳоро тибқи талабот дар гузоришу мақолаҳо дар ҳамоиш, коференсияҳои сатҳи гуногун, дарсҳои тадриси фанҳои забоншиносӣ, назарияи забон дар курсҳои такмили ихтисос ироа ва нашр намудааст. Сифат ва сатҳи таҳлилу хулосабарориҳои диссертантро маводди мавриди истифодаи вай тасдиқ менамояд. Ҳамчунин, маводди нашрнамудаи ӯро олимони соҳа баҳои мусбат додаанд, ки ҳамаи онҳо ба дараҷаи асосноккунии гузоришҳои диссертант далолат мекунанд. Ҳамзамон, диссертатсия дар асоси номгӯйи ҷанбаҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию соҳавӣ дар кишвар сурат гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда, дар он зоҳир шудааст,** ки бори аввал доир ба маънои коннотативӣ камари ҳиммат баста шуда, вижагиҳои хоси маъношиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҷанбаи дигари муҳимми диссертатсия аз он иборат аст, ки ба таҳқиқотчиёни минбаъда дар заминаи мазмуну муҳтавои маънои коннотативӣ роҳ мекушояд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва муҳтавои ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи «Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо)», ки дар самти маъношиносӣ бахшида шудааст, мубрам буда, ахаммияти назариявию амалӣ дорад. Инчунин, баррасии ин масъала ба таҳаввулоти семантикӣ ва прагматикии воҳидҳои алоҳидаи луғавии забоншиносӣ равшанӣ андохта, то чӣ андоза ба фаҳму дарки омма наздик будани илми лексикаро нишон дода, манзараи равандҳои ташаккули онро дар забони тоҷикӣ намоиш медиҳад. Дар заминаи таҳқиқ муайян карда мешавад, ки дар

мисоли маънои коннотативӣ, роҳҳои ташаккул ва инкишофи низоми грамматикаи забонро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Ҳамчунин, мавзуи мазкур, барои инкишофи назарияи луғатшиносӣ ва ҳам грамматика маводди зарурӣ фароҳам оварда метавонад. Агарчи дар бораи маънои коннотативӣ дар забони тоҷикӣ мақолаҳо ва асарҳои илмӣ эҷод шуда бошанд ҳам, таҳқиқи мукаммали мавзуъ дар забоншиносии тоҷик бори нахуст сурат мегирад. Бинобар ин, диссертатсияи мавриди назар қадами аввалинест, ки холигоҳи мавҷударо пурра мегардонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Диссертатсия бо забони фасеҳи илмӣ таълиф гардидааст. Ҳамаи масъалаҳо бо принсип ва методҳои таҷрибашудаи илмӣ баррасӣ шуда, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Афкори диссертант, бо далелҳои мушаххас оро ёфта, натиҷагирӣ шудаанд. Дастовардҳои диссертант ва хулосабарориҳои вай ҷолибу навоваронаанд ва нуктаҳои муҳимму асосии онҳо дар шакли гузоришу мақола дар маҳфилу семинар ва конференсияҳо иброз гардида, ба нашр расидаанд, ки ҳамаи инҳо дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотро тақвият бахшидаанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии муҳаққиқ аз он иборат аст, ки дараҷаи омӯзишу таҳқиқоти илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, усулҳои муосири таҳқиқи маъношиносии соҳавиро истифода карда, вожаҳои хосси маънои коннотативии осори Кароматулло Мирзоро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводди фаровони осори адиби маъруф муҳимтарин хусусиятҳои маъношиносиро дар забон таҳқиқ намуда, таркиб ва сохтори истилоҳоти сода ва мураккабро муайян кардааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Диссертант вобаста ба мавзуи диссертатсия 8 мақола таълиф кардааст, аз ҷумла 5 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ интишор шудаанд, гувоҳи саҳми ӯ дар ин риштаи илм мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссератстсия.** Дар натиҷаи мутолиаи диссертатсия собит гардид, ки маънои коннотативӣ дар сатҳу зинаҳои маъношиносӣ, аз ҷумла, фоносемантика зуҳур мекунад. Таҳлилу таҳқиқи маводди асар собит намуд, ки маънои коннотативӣ дар сатҳи калима мушаххастар падид меояд. Ин маъно ҳамчун хусусияти дохилии забон дар сатҳи морфосемантика бо иштироки пешванду пасвандҳо ва истифодаи калимаҳои мураккаб мавқеи худро дорад. Дар сатҳи матну ҷумла имконияту шароити таносуби маъноиро

тавассути аъзоҳои ҷумла ва матн нишон дода, мавқеи маънои коннотативиро дар мавриди корбурд мушаххас намуд.

Бар ин асос, метавон ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи аз ҷониби Бустонзода Тахмина Бустон таълифшуда бо дарназардошти дастабандии мураттаби мавзуоти баррасишаванда, тарҳи мантиқан муназзами бобу зербобҳои диссертатсия ва меҳварҳои аслии барои дифоъ пешниҳодшаванда, бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс, пажуҳишу таҳқиқи муфассалеро дар заминаи романи «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо анҷом додааст, қобили дастгирӣ ва шоистаи таҳсин мебошад.

Диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, фаслҳову зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ, 168 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ мушаххас шудаанд. Дар баробари ин, оид ба объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳо ва навовариҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқшаванда, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Хусусият ва хелҳои маъно дар маъношиносӣ»** номгузорӣ шуда, фарогири се фасл мебошад. Фасли аввал «**Вижагӣ ва маънои луғавӣ»** унвон дошта, дар қисматҳои гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла, луғатшиносӣ ва услубшиносӣ омӯхта мешавад. Сермаъноӣ аз ҳодисаҳои ниҳоят сершохаи системаи забон маҳсуб шуда, тамоми қабатҳои онро дар бар мегирад. Омӯзиши ҳодисаи сермаъноӣ дар ҳама қисматҳои забон воқеъ шуда, паҳлуҳои нав ба нави он ошкор карда мешавад. Дар давраи муайяни омӯзиши ин масъала ба миён омадани проблемаҳои нав сабаби бештар шудани диққати олимони забоншинос мегардад.

Дар ин масъала муаллифи рисола менависад, ки ҳангоми таҳқиқи маънои коннотативӣ ва хелҳои он сохтор, қолаб ва маънову сермаъноиӣ таҳқиқ карда мешавад. Дар аксари таҳқиқот низ мафҳуми сермаъноӣ бо истилоҳи «маънои коннотативӣ» ном бурда мешавад.

Фасли дуюм «**Маънои корбурдӣ дар низоми маъношиносӣ»** ном дошта, қайд карда мешавад, ки омӯзиши ин масъала дар забоншиносии умумӣ хеле барвақт сар шудааст ва якчанд олимони забоншиноси русро номбар кардааст. Инчунин, доир ба прагматика (забоншиносии амалӣ) ва

хусусиятҳои он (маълумотҳо доир ба наҳв ва маъношиносӣ ҷолиби диққатанд), андешаҳои олимони соҳаро овадааст, ки қобили дастгирист.

Фасли сеюм «**Ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар зинаҳои маъношиносии лингвистӣ**» доир ба омӯзиши маънои коннотативӣ масъалаҳои сермаънoии калимаҳо ба солҳои 60-уми садаи XX нисбат додан мумкин аст, дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик таҳқиқи хелҳои ҷудогонаи забоншиносӣ рушд карда, ба туфайли ин таҳқиқ баррасии маъношиносӣ ва тобиши маъноӣ гирифтани онҳо дар забоншиносии рус ва тоҷик мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шуд. Дар давраи дуюми омӯзиши масъалаҳои сермаънoии маъношиносӣ дар забоншиносии умумӣ муаллифи рисола саҳми забоншиносон Н.Ф. Алифиренко, В.И. Шаховский, В.Н. Телия, И.В. Арнолд, И.А. Стернин, И.В. Городесский ва ғайраҳо муҳим медонад. Забоншиносони мазкур доир ба маънои коннотативӣ фикру андешаҳои худро дар маъношиносӣ баён намуданд.

Боби дуюми диссертатсия **«Таъсирпазири маъноҳои корбурдӣ-прагматикӣ»** номгузорӣ шуда, фарогири се фасл буда, дар фасли якуми боби дуюм **«Маънои коннотативӣ ва маънои услубӣ»** доир ба маънои коннотативӣ ва тобишҳои услубӣ маълумот медиҳад. Масъалаҳои маънoии услубӣ ва маънои коннотативӣ таваҷҷуҳи забоншиносонро ба худ кашидааст. Бинобар ин, мавзуи мазкур аз назари муҳақиқон дур намондааст, аммо давра ба давра амиқтар омӯхта шуда, назари навро ба масъалаи маънои коннотативӣ талаб мекунад.

Дар фасли дуюми боби дуюм **«Маънои коннотативӣ ва маънои эҳсосӣ»** ном дошта, оид ба маънои эҳсосотӣ дар забоншиносии тоҷик баъзе қайду ишораҳо дида мешавад. Мисолҳо собит месозанд, ки маънои коннотативӣ ва маънои эҳсосӣ дар байни калимаҳо аз ҳама сермаъно аст. Вай тобишҳои маънoии зиёд дорад. Маъноҳои иловагии ин калимаҳо бо мисолҳо аз адабиёти бадеӣ таҳқиқ карда шуданд.

Фасли сеюми боби дуюм **«Коннотатсия ва маънои баҳодиҳӣ»** унвон дошта, он дар бораи хусусиятҳои коннотатсия ва маъношиносӣ маълумот дода шудааст. Ба қавли муаллифи рисола, коннотатсия ва тобишҳои маънoии зиёд дорад, аз қабили, мақсад, шарт, хилоф. Ин маъноҳо бо мисолҳо тавзеҳ дода шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Ифодаи маънои коннотативӣ дар зинаҳои маъношиносии лингвистӣ»** номгузорӣ шуда, фарогири чор фасл аст. Дар фасли якуми боби сеюм **«Коннотатсия дар фоносемантика»** доир ба вижагиҳои коннотатсия ва фоносемантика изҳори андеша карда шудааст. Фикру ақида ва андешаҳои муаллифи рисола доир ба фоносемантика диққатҷалбкунанда буда, дигар забоншиносонро бо баҳс даъват мекунад.

Дар фасли дуюми боби сеюм **«Маънои коннотативӣ дар сатҳи калима»** маълумот дода шуда, ба баррасии маънои коннотативӣ бахшида шудааст. Равшан аст, ки дар аксар маврид фаҳмиши дақиқи гуфтаҳоро таъмин карда намешавад, зеро вожаҳо ба ғайр аз маънои бевоситаи худ, дорои мазмуни норавшан мебошанд, ки бо ифодаи нуқтаи назар, расму оин, урфу одат ва фарҳанги ин ё он халқ алоқамананд.

Фасли сеюми боби сеюм **«Ифодаи маънои коннотативӣ дар морфосемантика»** номгузорӣ шудааст. Дар робита ба морфемаҳо ва калимаҳо, ки дар сатҳи дигар мавриди пажуҳиш қарор додааст, ба ин натиҷа расидааст, ки маънои калимаҳои сохта ё мураккаб аз рӯйи ин меъёр ду бахши шарҳи маънои воҳиди забон – морфема ва калимаро мушаххас карда метавонад. Дар сатҳи морфо-маъноӣ морфемаҳои пешвандӣ ва пасвандӣ мавҷуданд, ки бо ҳамнишин шудан бо вожаҳои дигар қобилияти дар падид омадани воҳиди забон бо маънои ҷудо саҳим мебошанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Фасли чоруми боби сеюм **«Маънои коннотативӣ ва матн»** ном дорад. Диссертант дар ин фасл шинохти маънои воҳидҳои сатҳи васеъ дар асоси шинохти дурусти воҳидҳои сатҳи хурдро таъкид кардааст. Вобаста ба тасвири мафҳуми «падар» дар фарҳанги хонаводагӣ, меҳру муҳаббати фарзанд, тасвири ҳолати ногувори оилавӣ, талошу заҳмат барои пойдории оила мисолҳои зиёде овардааст, ки аз лаёқати баланди таҳқиқотии диссертант дарак медиҳад.

**Хулосаи диссертатсияи** Бустонзода Тахмина Бустон фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 11 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат дорад.

Тахассуси илмии диссертант Бустонзода Т.Б. ба ихтисоси илмии дархостшаванда 6.2.2. Назарияи забон мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатия.** Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастоварду муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳад гардид. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия иқтибосҳо, махсусан, доир ба коннотатсия фоносемантика зиёданд. Муҳаққиқ агар нисбат ба иқтибосҳо муносибати худро муайян мекард, қиммати диссертатсия боло мерафт.

2. Дар саҳ. 10 истилоҳе, ки таҳти унвони «забоншиносии корбурдӣ» ё «прагматикӣ» омадааст, бояд, дар қавсайн тавзеҳи тоҷикии ин истилоҳ дода шавад, чунки ин истилоҳ бори аввал дар диссертатсия дучор шудааст.

3. Дар саҳ. 20 чунин ҷумларо мехонем: Б. Камолиддинов дар китоби «Сухан баҳри дигарон гӯянд» овардааст... Бояд гуфт, ки Камолиддинов олими маъруфи тоҷик, забоншиноси варзида аст. Пеш аз ному насаби он дараҷа ва унвонҳои илмияшро ҳам зикр кардан ба манфиати кор буд.

4. Дар саҳ. 29. истилоҳҳои денотативӣ ва сингификативӣ оварда шудааст. Дар қавсайн бояд, варианти тоҷикии онҳо низ дода шавад.

5. Дар саҳ. 50 ҷумлаеро мехонем: «Дар китоби профессор мехонем» дар ин ҷумла ному насаби профессорро зикр намудан, аз аҳаммияти вижа холӣ нахоҳад буд.

Дар маҷмуъ, эродҳо ва камбудиву норасоиҳои ошкоршуда моҳияти илмӣ ва дастовардҳои муаллифи рисоларо коста намесозанд, баръакс ғалатҳову камбудиҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, боиси беҳтар гардидани ҷанбаҳои илмии кор мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмие, ки диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқ ба нашр расонидааст, муҳтавои асосии диссертатсияро ба таври пурра ва возеҳ инъикос менамоянд. Дар онҳо масъалаҳои асосии баррасишуда, натиҷаҳои муҳимми илмӣ ва хулосаҳои асосии рисола ба таври мухтасар, вале дақиқ пешниҳод гардидаанд, ки ин аз ҳамоҳангии комили онҳо бо матни диссертатсия шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин, мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи масъалаҳо ва самтҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.2. Назарияи забон муайян гардидаанд, пурра мутобиқат дошта, аҳаммияти назариявӣ ва амалии худро дар ин замина собит менамояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссерататсия.** Хулоса, диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи «Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Гадоев Нурхон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №6, аз 30-юми июни соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва
амалияи забоншиносии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Иброимова Гуландом Наимовна

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва
амалияи забоншиносии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Гадоев Нурхон

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назария ва
амалияи забоншиносии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

Имзоҳои Г.Н. Иброимова, Н. Гадоев, Ш.Р. Юсуповро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj
Сомона: www.tgpu.tj

30.06.2026